# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзӯи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ (1920–2000)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020300 Таърих, (6D020303 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Шамсияи Тоирхон, ки ба яке аз масалаҳои муҳим ва мубрами илмӣ бахшида шудааст, «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ (1920–2000)» ба маврид таҳқиқ шудааст. Дар робита ба мавзуъи мазкур аз ҷониби таърихшиносон, этнографҳо, антропологҳо ва дигар мутахассисони рус, ки дар ҷараёни экспедитсияҳои илмӣ дар қаламрави Тоҷикистон иштирок намудаанд, ҷамъоварӣ ва таҳия маводҳои зиёди илми дар илми таърихнигорӣ ворид гардид.

Мазмун ва муҳтавои автореферат ба мавзуъи диссетатсия мувофиқат дошта, натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар он инъикос ёфтааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳамияти илми буда метавонад дар таҳқиқоти оянда дар раванди таълими фанҳои этография ва антропологияи Тоҷикистон истифода шавад.

Таҳлили маводди экспедитсияҳои этнографии асри XX аҳамияти махсуси илмӣ дорад, зеро маводҳои илмии ин давра барои бозсозии хусусиятҳои хоҷагидорӣ, тарзи зиндагӣ, фарҳанги моддӣ ва анъанаҳои аҳолии минтақаҳои ҷанубии Тоҷикистон имконият фароҳам меорад. Ба гардиши илмӣ ворид намудани чунин мавод барои дарки амиқтари раванди ташаккул ва рушди таҳқиқоти этнографии Тоҷикистон дар давраи Шуравӣ мусоидат мекунад.

Дар автореферат дарачаи таҳқиқи мавзу, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои методологӣ, навоварии илмӣ, аҳамияти илмӣ, назариявӣ дарачаи эътимоднокии натичаҳои диссертатсия, мутобиқати диссетатсия ба шиносномаи илмӣ, мазмуну муҳтавои мақсади таҳқиқот ба таври мушаххас муайян гардидаанд.

Аз муҳтавои автореферат бар меояд ки муаллиф дар доираи кори диссертатсионии худ 1 монография, 4 мақолаи илмии дар мачаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 12 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд.

Навоварии илмии таҳқиқот, тибқи автореферат, дар кӯшиши таҳлили ҳамаҷонибаи таърихнигории саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи аҳолии Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ дар солҳои 1920–2000 ифода меёбад. Аз ҷумла, самаранок истифода намудани мавод, оид ба экспедитсияҳои илмӣ, муҳаққиқони алоҳида ва самтҳои фаъолияти онҳо аҳамияти муайяни илмӣ дорад.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбати зикршуда дар автореферат баъзе камбудиҳои техникӣ ва баъзе ҷумлаҳо такмил мехоҳанд, ба назар мерасанд, ки онҳо муҳтавои илмии авторефератро паст намекунанд.

Дар маҷмӯъ, автореферат аз анҷом додани кори назарраси таҳқиқотӣ аз ҷониби муаллиф, омӯзиши доираи васеи адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳо, инчунин кӯшиши муназзам намудан ва ҷамъбаст кардани мероси илмии муҳаққиқони рус дар соҳаи илми маъхазшиноси шаҳодат медиҳад.

Матни автореферати диссертатсияи Шамсияи Тоирхон ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферати диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзӯи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ (1920–2000)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 –Таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**

н.и.т., дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва фанҳои гуманитарии ДИТРТ **Шарифов Ш. Ҷ**

«Имзои Шарифов Ш–ро тасдиқ мекунам»

Сардори Раёсати рушди кадрҳо ва коргузориии ДИТРТ **Мухторзода С.Г.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРГУЗОРӢ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА

**Суроға**:735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Хатлон, ш.Кӯлоб, маҳалаи Борбад
Email:uidt@list.ru
Тел☹+992)918309004

«10» «09» соли 2026